Худованд ба сурат ва моли шумо нигоҳ намекунад, балки ба дилҳо ва амалҳои шумо менигарад

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки мегӯяд: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Худованд ба сурат ва моли шумо нигоҳ намекунад, балки ба дилҳо ва амалҳои шумо менигарад".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён фармудаанд, ки Худованд ба ҷисм ва чеҳраи бандагон наменигарад, ки зишт аст ва ё зебо? Тани бузург дорад ва ё кӯчак? Солим аст ё носолим? Ба дорои онҳо наменигарад, ки зиёд аст ва ё кам? Худованд бандагонро бар асоси умури мазкур ва тафовуташон дар он бозхост ва муҳосаба намекунад, балки ба қалб ва андозаи сидқу ихлос ва тақво, ё аз рӯи худнамоӣ аст ё риё, менигарад. Ба амалҳои онон назар карда мешавад, ки нек ва дуруст аст ё фосид ва сипас бар асоси он ҷазо ва подош дода мешаванд.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4555